# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «____» ________ соли 2024 № ________ ш. Душанбе

Дар бораи Оинномаи
Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оиннома ва сохтори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).

2. Директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Шавкат Каримзода) уҳдадор карда шавад:

- фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро тибқи Оинномаи мазкур ба роҳ монад;
- масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар давоми ду моҳ тибқи Оиннома ва сохтори тасдиқгардида ҳал намояд.

3. Оинномаи ва Низомнома Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.2017, №1/21, №1/22 тасдиқ гардидааст, аз эътибор соқит дониста шаванд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода гузошта шавад.

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини якуми вазир
Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ

Замимаи 1
ба фармоиши вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
«___» ____соли 2024, №__

Оинномаи
Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Оинномаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд-Оинннома) фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд Марказ)-ро ба танзим медарорад.

2. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.07.2006, №310 «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фармоиши Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.09.2006, №849 «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудааст.

3. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд-Марказ) ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 128 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади назорату омӯзиш ва такмили мазмуну мундариҷаи таълим, расонидани ёрии амалии таълимию методӣ ба муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, татбиқи методу усулҳои нави таълим дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва сатҳи дониши хонандагон, мусоидат ба амалишавии стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва тақвият додани ёрии амалии таълимию методӣ дар муасиссисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ таъсис дода шуда, баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири пешқадами педагогӣ, таъмини методии раванди таҳсилот, истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар низоми таълим амалӣ менамояд.

4. Номи пурраи Марказ:

- бо забони тоҷикӣ: Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон».

- бо забони русӣ: Государственное учреждение «Республиканский учебно - методический центр при Министерстве образования и науки Республики Таджикистан»

5. Марказ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дигар қонунҳо, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

6. Марказ дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зерсохтори мустақил амал намуда, вобаста ба самтҳои фаъолият ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

7. Марказ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни мустақил, суратҳисоби ягонаи ҷорӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳр бо Нишони давлатӣ, сабти номи худ бо забонҳои давлатию русӣ, бланк ва штампҳо буда, дорои молу мулки алоҳида, ягонагии ташкилӣ ва қобилияти ҳуқукдории махсус мебошад.

8. Марказ дорои ҳуқуқи фаъолияти таълимӣ, илмию тадқиқотӣ ва методӣ, табъу нашр, гузаронидани курсу семинарҳои омӯзишӣ ва ҳамчунин хизматрасониҳои пулакие мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

9. Маблағгузории Марказ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағҳои махсуси Марказ ва дигар маблағҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

10. Марказ ҳуқуқ дорад фаъолияти соҳибкориро барои расидан ба мақсадҳое, ки баҳри онҳо таъсис дода шудааст, амалӣ намояд. Фаъолияти соҳибкориро Марказ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

11. Марказ дар асоси ҳуқуқи идоракунии оперативӣ дорои молу мулк мебошад, аз номи худ ухдадориҳо қабул ва иҷро мекунад ва дар суд ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад мекунад.

12. Марказ фаъолияти худро дар робитаю ҳамкорӣ бо раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, марказу кабинетҳои методии назди раёсату шуъбаҳои маориф, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он ва дигар вазорату ташкилотҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ба роҳ мемонад.

13. Марказ ёрии амалии таълимию методиро дар самти такмили мазмуну мундариҷаи таълим, татбиқи усулҳои фаъоли таълим, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, беҳтар намудани фаъолияти марказу кабинетҳои методӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба методу усулҳои таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва олии касбӣ, марказҳои таълимию омӯзишӣ, Академияи хурди илмҳо ва дигар муассисаҳои таълимиро новобастаб ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар зинаҳои таҳсилотии болозикр амалӣ менамояд.

14. Марказ тибқи қонунгузорӣ, метавонад ба иттиҳодияҳои илмию методӣ ва педагогии ҳамсамти худ дар дохил ва хориҷи мамлакат шомил

гардад, дар семинару конференсия, хонишҳои педагогӣ, симпозиумҳои илмию методӣ, педагогӣ ва ғайра саҳм гирад ва бо муассисаи ҳамсамти фаъолияташ дар хориҷи кишвар созишномаҳои ҳамкориро ба имзо расонад.

15. Суроғаи ҳуқуқии Марказ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш- 50 мебошад.

## 2. ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

16. Марказ бо мақсади пеш бурдани фаъолияти таълимию методӣ, илмию методӣ, таълимӣ ва таҳлилию тадқиқотӣ дар соҳаи маориф вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- фароҳам овардани низоми ягонаи таълимию методӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ;
- мониторинг ва такмили сифати кори таълиму тарбия, тайёрии касбии мутахассисон тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва олии касбӣ, назорат, санҷиш ва омӯзиши ҳолати корҳои таълимию методӣ дар муассисаҳои таълимӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, омӯзиш ва расонидани ёрии методӣ ба онҳо;
- такмил додани маҳорати касбии кормандони соҳа тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, таъмин намудани ёрии методӣ ба кори хадамоти методии Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо;
- расонидани ёрии амалӣ ба муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави таълиму тарбия, комёбиҳои илму техника, таҷрибаи педагогӣ, такмили сифат ва самаранокии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, тайёрии касбӣ, амалӣ намудани таъминоти маҷмуии таълимию методӣ, ташхис намудани стандартҳои давлатии таҳсилот, нақша ва барномаҳои таълимӣ;
- сари вақт шинос намудани кормандони соҳаи маориф бо навовариҳои соҳа, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дастовардҳои муосири илми педагогика, равоншиносӣ ва донишҳои соҳавӣ;
- таҳияи асосҳои илмӣ-методӣ ва ташкилию методии ҷорӣ намудани шаклҳои самараноки таълим дар муассисаҳои таълимӣ;
- хизматрасонии иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва тадқикотӣ дар соҳаи маориф;
- татбиқ намудани барнома ва лоиҳаҳо дар соҳаи маориф ва масоили дигари ба он алоқаманд.
- мусоидат намудан ба татбиқи самарабахшиислоҳоти соҳаи маориф.
- дастгирии фаъолияти хадамоти методӣ дар назди раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва муассисаи таълимӣ бо назардошти ислоҳоти соҳаи маориф, шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусиятҳои миллӣ;
- омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, технологияи инноватсионӣ ва ташвиқу тарғиби он дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбия ва маҳорати касбии омӯзгорон;

- ташкил ва мутобиқ намудани фаъолият оид ба такмили мазмуну мундариҷаи таълим, зинаҳои дахлдори таҳсилот, иштирок намудан дар таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва такмил додани заминаи таълимию методии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мураттаб ва дастрас намудани тавсияҳои методӣ, саволномаҳои аттестатсияҳои аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, адабиёти педагогӣ ва дигар аёнияту дастурҳои таълимию методӣ дар самти фаъолияти таълимию методии муассисаҳои таълимӣ;

- мутобиқ ва ҳамоҳангсозии корҳои методию таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

- омӯзиш ва таҳлили фаъолияти марказу кабинетҳои методии Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар самти расонидани кумаки методӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ташкили ҷараёни таълиму тарбия;

- ташкил намудан ва гузаронидани чорабиниҳои методӣ, аз қабили конференсия, хонишҳои педагогӣ, семинару машварат ва ғайраҳо;

- таъмини роҳбарии илмию методии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва ташкили худомӯзии кормандони соҳаи маориф;

- таҳия ва ба чоп омода намудани дастурҳои таълимию методӣ, барнома ва воситаҳои айёнӣ барои муассисаҳои таълимӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

- дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ омода намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастурҳои таълимию методӣ;

- иштирок дар санҷишҳои маҷмуӣ, аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ, кормандони педагогӣ ва дигар намуд санҷишҳо дар якҷоягӣ бо кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он;

- таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва олии касбӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ.

- ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма дар самти тарғиби корҳои таълимию методӣ ва тарбиявӣ;

- ташкил намудани бонки иттилоот оид ба хадамоти методӣ;

- роҳбарии ташкилию методӣ дар амалӣ намуданиислоҳот дар соҳаи маориф ва ҷорӣ намудани усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таълимӣ;

- расонидани кумаки методӣ дар таҳияи нақшаи кори солонаи марказу кабинетҳои методӣ, иттиҳодия ва шуроҳои методии муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

- ташкилу рушди хадамоти методии муассисаҳои таълимӣ, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ;

- тақвият ва такмил додани таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбияи хонандагон;

- дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо аз аттестатсия гузаронидани кормандони кабинетҳои методии Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои

маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо;

- ройгон ва пулакӣ расонидани ёрии таълимию методӣ, таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ, стандартҳои тахассусӣ ба муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ);

- ҳамоҳанг намудани корҳои методии муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

- омӯзиш ва расонидани ёрии амалӣ ба муассисаҳои таълимӣ дар самти ҷорӣ намудани шаклҳои нави таълиму тарбия, аз худ кардани стандартҳои давлатии таҳсилот;

- ташкил, мутобиқсозӣ ва назорати системаи хадамоти методии муассисаҳои таълимию тарбиявии ҷумҳурӣ бо назардошти ислоҳоти соҳаи маориф, шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусиятҳои миллӣ.

- такмили мазмуну мундариҷаи таълим бо истифода аз методу усулҳои фаъол ва технологияи инноватсионӣ;

- омӯзиш ва таҳлили рафти татбиқи нақшаю барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва олии касбӣ инчунин, расонидани кумаки методӣ дар ин самт;

- омӯзиш ва расонидани ёрии методӣ ба кабинетҳои методии Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ташкили ҷараёни таълиму тарбия ва тайёр намудани дастурҳои таълимӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои таълимию методӣ;

- нашри китобу дастур, барнома, воситаҳои таълимӣ ва маводи таълимию тарбиявӣ барои муассисаҳои таълимӣ;

- омӯзиши вазъи фаъолияти гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо;

- сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ бо маводи зарурии таълимӣ ва расонидани кумаки методӣ дар самти ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузорӣ;

- тартиб додани нақшаи кутоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати омӯзиши фаъолияти хадамоти методӣ ва нақшаи дурнамои рушди корҳои методӣ;

- расонидани ёрии методӣ ба фаъолияти Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва пешниҳоди маводи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти омӯзиши фаъолияти хадамоти методии Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиш ва амалӣ кардани дастовардҳои педагогикаи муосир, методикаи таълими фанҳо, ки ба инноватсия, технологияи педагогӣ ва хадамоти методӣ;

- ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маълумоти таҳлилӣ оид ба вазъи корҳои таълимию методӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ.

17. Марказ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои худ чунин намудҳои фаъолиятро ба амал мебарорад:

- ташкил ва гузаронидани семинару курсҳои омӯзишӣ барои кормандони педагогии муассисаҳои таълимӣ ва дигар кормандони соҳаи маориф тавассути

истифодаи усулҳои интерактивии таълим, ки ба рушди тафаккури эҷодӣ нигаронида шудаанд;

- таҳияи нақшаҳои намунавии таълимӣ, барномаҳо, ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ ва меъёрии соҳаи маориф бо назардошти муттасилӣ ва пайдарпайии барномаҳои таълимӣ;

- сайқал додани малакаву маҳорати касбӣ ва салоҳиятҳои асосии ҳайати роҳбарии муассисаҳои таълимӣ вак ормандони соҳаи маориф;

- ташкил ва гузаронидани семинарҳои таълимӣ, тренингҳо, курсҳои кӯтоҳмуддати мақсаднок дар самти таҳия ва такмили барномаву нақшаҳои таълимӣ, ташаккули салоҳияти истифодаи самараноки технологияҳои пешрафтаи педагогӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, шабакаи ҷаҳонии иттилоотии Интернет;

- баррасии лоиҳаҳо ва барномаҳо дар соҳаи маориф, ки аз ҷониби дигар муассисаву ташкилотҳо пешниҳод карда мешаванд ва омода намудани хулосаҳо оид ба онҳо;

- ташкили чорабиниҳои таълимиву маърифатӣ дар асоси дархост ва ниёзҳои муассисаҳои таълимӣ;

- таҳия ва ирсоли пешниҳод ва таклифҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди соҳаи маориф;

- омӯзиш ва татбиқи навовариҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфта дар асоси ҷамъбасти таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи маориф;

- омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи дастовардҳои муассисаҳои таълимии дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшуда;

- тарғиби пайвастаи таҷрибаи педагогии кормандони педагогӣ оид ба самаранок ташкил намудан ва гузаронидани дарсҳои босифат;

- ҷалби кормандони соҳаи маорифба гузаронидани корҳои тадқиқотӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо дар вазифаи ишғолкардаашон;

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо (семинарҳо, мизҳои мудаввар, баҳсҳо, вохӯриҳои эҷодӣ ва ғайра), ки ба таҳкими ҳисси садоқат ба ғояҳои истиқлолияти миллӣ, ҳифзи мероси бойи фарҳангӣ ва таърихӣ, урфу одат, анъанаҳо ва арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ равона шудаанд;

- гузаронидани дарсҳо ва машғулиятҳои таълимӣ барои кормандони соҳаи маориф оид ба масъалаҳои мубрами рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар ва ҷомеа;

- баргузории озмунҳо ва мусобиқаҳои зеҳнии гуногун;

- гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ барои таҳкими малакаҳои роҳбарон ва ҳайати маъмурияти муассисаҳои таълимӣ оид ба ташкил ва назорати корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва маънавию маърифатӣ ва арзёбии сифати таълиму таҳсилот;

- таҳияи барномаҳо ва чорабиниҳои гуногуни маърифатӣ, фарҳангӣ ва илмиву методӣ бо кормандони соҳаи маориф;

- гузаронидани тадқиқот оид ба дарёфт, омӯзиш ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави раванди таълиму тарбия;

- таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-методӣ ва такмили заминаи таълимӣ-методӣ

оид ба ҷорӣ намудани шаклҳои муосир ва самарабахши таълим дар самти ташкили омӯзиши омехта, фосилавӣ, инфиродӣ ва худомӯзии кормандони соҳаи маориф;

- татбиқи технологияҳои пешрафтаи педагогӣ, таҳияи маҷмӯаҳои муосири таълимӣ ва методӣ ва таъмини дидактикии раванди таълим ва тарбия барои муассисаҳои таълимӣ;

- гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ-методӣ оид ба такмили низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

- гузаронидани тадқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои стратегияи таълим, рушди низоми маориф, истифодаи самараноки технологияҳои муосири таълим, ташаккули малакаҳои муосири идоракунӣ, ҳавасмандгардонии кормандонии педагогии муассисаҳои таълимӣ дар самти омӯзиш ва аз худ намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ;

- ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои муҳимми сатҳи давлативу ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф ва илм;

- хизматрасонии таълимӣ ва таълимию методии пулакӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд;

- иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ-методӣ ва илмӣ-методӣ;

- ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳо, намоишгоҳҳо, симпозиумҳо, семинарҳо, конфронсҳо, вебинарҳо, лекторияҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ барои омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф;

- ташкил ва гузаронидани мастер-классҳо бо даъвати мутахассисони пешқадам, ки ба сатҳи баланди касбӣ ноил гардидаанд;

- таҳия ва ташаккули захираҳои электронии маводи таълимӣ ва таълимию методӣ;

- амалӣ намудани хизматрасониҳои иттилоотӣ, таълимӣ ва машваратӣ оид ба масъалаҳои умумии соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла қонунгузорӣ дар соҳаи маориф;

- амалӣ намудани фаъолияти экспертӣ ва баҳодиҳӣ, аз ҷумла хизматрасонӣ оид ба экспертизаи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва дигар лоиҳаҳои таълимӣ, барномаҳо, тавсияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо;

- иҷрои корҳои таҳлилӣ, анҷом додани фаъолияти тадқиқотӣ ва татбиқи натиҷаҳои фаъолияти тадқиқотӣ,

- омӯзиш, ҷамъбаст ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадми педагогии омӯзгорон;

- ташкили гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ дар соҳаи маориф ва илм, инчунин гузаронидани назарсанҷиҳо

- ташкил ва гузаронидани конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, семинарҳо, машваратҳо ва дигар форумҳои илмӣ-амалӣ.

- нашри маводи таълимӣ, дастурҳо, маҷаллаи илмӣ, илмӣ-методӣ ва маърифатӣ;

- баргузории озмунҳои касбии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ байни омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф;

- ба роҳ монадани кӯмаки машваратии равонӣ-педагогӣ ба омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф;

- беҳтар намудани сифати таълим ва корҳои таълимию методӣ бо дарназардошти иттилооткунонии соҳаи маориф тавассути татбиқ намудани технологияҳои навини коммуникатсионӣ;

- тарвиҷи ақидаҳои пешқадам оид ба технологияҳои таҳсилотии муосири омӯзишӣ;

- бунёди китобхонаҳои электронӣ, сабти видеодарсҳо паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ тавассути воситаҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.

## 3. Ҳуқуқҳои Марказ

18. Барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои гузошташуда Донишкада дорои чунин ҳуқуқҳо мебошад:

- дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазоратҳои дахлдор дастрас намудани иттилоот ва маълумоти оморӣ аз муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ;

- ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани таклифу пешниҳодҳо оид ба такмили мундариҷа ва баланд бардоштани самаранокии таълим дар муассисаҳои таълимӣ;

- мустақил ва якҷо бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои дигари таълимӣ ва илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ гузаронидани симпозиумҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмию тадқиқотӣ, илмию методӣ;

- муайян кардани тартиби истифодаи маблағҳои аз сарчашмаҳои дигари буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба суратҳисоби Марказ воридгаштаро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташхиси нақшаи таълимии муассисаҳои таълимӣ;

- бо розигии муассис дар доираи маблағҳои пешбинишудаи Марказ ташкил намудани марказҳо, бахшҳо, нашриёт, нуқтаҳои фурӯши адабиёти таълимӣ, методӣ, илмӣ, оммавӣ, парки технологӣ, намудҳои дигари хизматрасонии таълимӣ;

- иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ ва ғайра;

- таҳия ва ба нашр тавсия намудани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, маҷмӯаҳои корҳои илмӣ, маводи конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва дастурҳои методӣ;

- амалӣ намудани хизматрасонии пулакии таълимӣ ва дигар хизматрасониҳо ба аҳолӣ, ташкилотҳои гуногун, инчунин дигар намудҳои фаъолиятро, ки қонунгузорӣ манъ накардааст ва ба фаъолияти асосӣ мухолиф нест;

- ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ намудани номзадҳо барои ба даст овардани ҷоиза ва мукофотҳои давлативу соҳавӣ;

- ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйир додани сохтор, таъсис додани раёсату шуъбаҳои мавҷудаи Марказ пешниҳодҳо манзур намуда, воҳидҳои кории Марказро барои тасдиқ пешниҳод сохтан;

- ба ҳайати кормандони Марказ бо тартиби муқарраргардида иловапулӣ таъйин намудан;

- барои таъмини сифат ва самаранокии фаъолияти муассиса чораҳо андешад;

- мутахассисон ва омӯзгорони ботаҷрибаро барои фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва методӣ ҷалб намояд;

- мувофиқи тағйирот дар қонунгузорӣ ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии Марказ ислоҳот ворид намояд;

- дар доираи ваколатҳои худ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ ҳамкорӣ намояд;

- кормандони Марказро барои таҳсил, иштирок дар семинарҳо ва конфронсҳо, таҷрибаомӯзӣ оид ба мубодилаи таҷриба ва омӯзиши технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва усулҳои пешрафта ба хориҷа фиристад;

- дар гурӯҳҳои кории мухталиф вобаста ба масъалаҳои соҳаи маориф ва татбиқи лоиҳаву барномаҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф шомил гардад;

- бо мақсади иттилоотонӣ ва фарогирии васеи фаъолияти худ вебсайтҳои расмӣ эҷод намояд ва саҳифаҳои муассисаро дар шабакаҳои иҷтимоӣ кушояд;

- номгӯи хизматрасониҳои пулакии Марказро дар мувофиқа бо муассиса ва мақомоти ваколатдори давлатӣ таҳия ва тасдиқ намояд;

- заминаи моддию техникиро мустаҳкам намуда, дар асоси санадҳои меъёрӣ аз эътибор соқит намудани адабиёти таълимии кӯҳнашуда, таҷҳизот, воситаҳои нақлиетӣ ва техникии корношоям ва муҳлати истифодааш ба охир расидаро амалӣ намояд;

- дар назди Марказ воҳидҳои сохторӣ аз қабили марказ, озмоишгоҳ, бахшҳо, нашриёт, нуқтаҳои фурӯши адабиёти таълимӣ, методӣ, илмӣ, оммавӣ, парки технологӣ ва ғайра ташкил намояд ва ё фаъолияташонро қатъ намояд;

- бо мақсади ҳифзи саломатии кормандони Марказ хизматрасонии тиббиро ташкил ва амалӣ намояд.

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти таълимӣ, таълимию методӣ, илмию-тадқиқотӣ, молиявию хоҷагӣ, табъу нашр ва фаъолияти дигарро амалӣ намояд;

- дар асоси шартнома ба кор ҷалб намудани муаллифон ҷиҳати омода намудани дастурҳои таълимию методӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи методӣ.

- харидорӣ намудани китобҳои бадеию таълимӣ, методӣ ва ба роҳ мондани тарҷума ва чопи китобҳо, дастурҳои методӣ, лавҳаҳо, тавсияномаҳо ва дигар маводи таълимӣ барои муассисаҳои таълимӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ.

- дар асоси дархости муассисаҳои таълимӣ ва ниёзмандии ҷомеа тарҷума, таҳия ва чоп намудани дастуру тавсияҳои методӣ, барнома, маҷмӯа, брошюра, матни курси лексия, китобҳои дарсӣ ва китобҳои бадеӣ.

- ташкил кардани комиссияҳои экспертӣ оид ба баҳо додан ба сифати китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва дигар мавод.

- ташкили ҷамъомадҳои гуногуни кормандони соҳаи хадамоти методӣ,

омӯзгорон ва мураббияҳои муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ.

- нашри маводи даврӣ–маҷалла, рӯзнома, адабиёти илмию методӣ ва дар асоси қарордод ба муаллифон додани ҳаққи қалам (гонорар) .

- Марказ метавонад тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқҳои дигар дошта бошад.

19. Марказ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо (идоракунӣ, молиявию хоҷагидорӣ, кадрӣ ва ғайра) уҳдадор мебошад.

20. Марказ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

21. Дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти таълимӣ, илмию-таҳқиқотӣ, молиявию хоҷагӣ ва фаъолияти дигари Марказ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## 4. ИДОРАКУНИИ МАРКАЗ

22. Марказ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Марказ, шартномаи коллективӣ, низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ идора карда мешавад.

23. Марказ ба воситаи мақомоти он идора карда мешавад, ки аз инҳо иборатанд:

- мақоми олии идоракунӣ - муассис;
- мақоми иҷроияи дастаҷамъӣ - Шӯрои методӣ;
- мақоми иҷроия - директор.

24. Ба ваколатҳои муассис Марказ инҳо дохил мешаванд:

- тасдиқ ва ворид намудани тағйирот ба оинннома ва сохтори Марказ;
- таъйини директор ба мансаб ва озод намудани ӯ;
- қабули қарор дар бораи таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Марказ;
- тасдиқ ва ворид намудани тағйирот ба буҷети солонаи Марказ;
- тасдиқи стратегияи рушди Марказ барои давраҳои муайян;
- иштирок ва назорат дар идораи корҳои Марказ;
- мувофиқи тартиби муқаррарнамуда гирифтани маълумот дар бораи фаъолияти Марказ;
- санҷиш ва баҳогузорӣ ба фаъолияти Марказ, тасдиқи ҳисобот ва қабули қарори дахлдор доир ба ҳолатҳои алоҳидаи он;
- шинос шудан бо фаъолияти таълимӣ, илмӣ, методӣ ва дигари Марказ;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

25. Мақоми иҷроияи дастаҷамъии Марказ шӯрои методӣ мебошад, ки барои идораи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, методӣ, иқтисодӣ, молиявию хоҷагӣ ва фаъолияти дигари сохтории Марказ таъсис дода мешавад.

26. Ба ҳайати Шурои методӣ директор (раиси Шуро), муовинони директор, мушовир, сардорони раёсат, мудирони шуъбаҳои Марказ шомил мешаванд.

27. Теъдод ва ҳайати Шурои методиро тибқи пешниҳоди директори Марказ муовини вазири маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарпарасти соҳа тасдиқ менамояд. Шуро масъалаҳои таълимию методиеро, ки ба ваколати Марказ дохил мешаванд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Қарорҳои Шурои методӣ бо фармоиши директори Марказ амалӣ карда мешаванд.

28. Ваколати Шурои методӣ Марказ:

- доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи Марказ ба муассис пешниҳод манзур менамояд;
- масъалаҳои асосиро доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра дар самти ташкили раванди таҳсил, корҳои илмию тадқиқотӣ дар Марказ муайян намуда, доир ба онҳо қарор қабул менамояд;
- барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимиро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ мекунад;
- масъалаҳои такмили идоракунии Марказ, аз ҷумла ташкил ё барҳамдиҳии воҳиди сохториро баррасӣ менамояд;
- буҷети Марказ, тавозун ва ҳисоботи молиявии онро ҳамасола мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор медиҳад;
- натиҷаҳои фаъолияти солонаи таълимӣ ва илмию таҳқиқотиро ҷамъбаст намуда, барои беҳтар намудани онҳо тавсияҳо медиҳад;
- масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос, табодул ва ҳавасмандкунии кормандонро баррасӣ намуда, барои таълим ва таҷрибаомӯзӣ ба хориҷи кишвар фиристондани онҳоро баррасӣ намуда, қарорҳои дахлдор қабул менамояд;
- масъалаҳои таъсис ва барҳам додани воҳидҳои сохторӣ, кафедраҳо, шуъбаҳо, марказу бахшҳоро баррасӣ ва пешниҳод манзур менамояд;
- стратегияи рушди Марказ, нақшаҳои дурнамо ва мавзӯи пажӯҳишҳои илмиро баррасӣ намуда, тасдиқ менамояд;
- тибқи тартиби муқарраргардида нақшаи фарогирӣ курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифро бо дар назар доштани пешниҳодҳои мақоми ваколатдори маҳалии соҳаи маориф ва дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;
- нақшаи кори шӯрои олимонро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд
- нақшаҳои кории Марказро тасдиқ менамояд;

- масъалаҳои ташкили раванди таълим, аз ҷумла тағйирёбии таносуби машғулиятҳои гуногуни таълимӣ, илмӣ, илмию методӣ, худомӯзӣ, корҳои мустақилона ва амалии шунавандагонро ҳаллу фасл менамояд;

- меъёрҳои намунавии вақтро барои ҳисоби ҳаҷми умумии корҳои таълимӣ, илмию методӣ, ки аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон иҷро мешаванд, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйир медиҳад ва пурра мегардонад;

- масъалаҳои ташкил ва гузаронидани симпозиумҳо, конференсияҳо ва чорабиниҳои дигари илмию фарҳангиро муайян мекунад;

- аризаи кормандони хоҳишмандро барои дохил шудан ба магистратура, докторантура ва доктор аз рӯи ихтисос баррасӣ ва нисбат ба онҳо қарор қабул карда, додани рухсатии эҷодии 3-моҳа, 6-моҳа барои ба анҷом расонидани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоити дигари таълимро тавсия намуда, ба рисолаҳои номзадиву доктори тақриз пешниҳод менамояд;

- ҳайат ва хулосаи комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ ва шӯроҳои доимию муваққатан амалкунандаро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ мекунад;

- ҳисоботи роҳбарони воҳиди сохториро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд;

- масъалаҳои муҳими фаъолияти Марказро, ки аз ҷониби ректор пешниҳод мегарданд, баррасӣ ва муҳокима мекунад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконияти молиявии Марказ музди маоши кормандонро аз суратҳисоби махсуси Марказ зиёд менамояд;

- қоидаҳои ҳавасмандгардонии кормандони Марказро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

- номзадии кормандонро барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ ва ҷоизаҳои гуногун тавсия медиҳад;

- масъалаи муқаррар намудани иловапулиҳо, чубронпулиҳо ва маблағҳои ҳавасмангардониии кормандонро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- дастурамали коргузорӣ, тартиботи дохилии меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти Марказро тасдиқ мекунад;

- низомномаҳои воҳидҳои сохтории Марказро тасдиқ менамояд;

- масъалаҳои дигари илмию таълимии вобаста ба фаъолияти Марказро баррасӣ менамояд.

29. Дар ҷаласаҳои Шурои методӣ масъалаҳои тайёр намудани тавсияву дастурҳои методӣ, адабиёти таълимӣ, саволномаҳои аттестатсия, тестҳо, нақшаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳо, таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, фаъолияти марказу кабинетҳои методии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар маводи методии соҳаи маорифро дар тамоми муассисаҳои таълимӣ,

новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идорӣ баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда мешавад.

30. Шурои методӣ дар ҷаласаҳои худ дар баробари дигар масъалаҳо ҳисоботи директори Марказ ва муовини якум ва муовинони ӯ, сармуҳосиб, сардорони раёсат, мудирони шуъбаҳо, сармутахассисон, мутахассисон, мудири китобхона, директорони Марказ, мудирони кабинетҳои методии шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони комиссияҳо, натиҷаи баргузорӣ ва ҷамъбасти озмунҳои фаннӣ, натиҷаи сафарҳои хизматӣ оид ба санҷишу кумакҳои методӣ ба марказу кабинетҳои методии Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ, тарзи ба роҳ мондани хадамоти методӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ баррасиву муҳокима намуда, ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди корҳои методӣ оид ба масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул мекунад.

31. Шурои методӣ, инчунин масъалаҳои ташкилӣ, мустаҳкам намудани пояи моддию техникии Марказ, ҳавасмандгардонии кормандон, фаъолияти молиявию хоҷагӣ, фаъолияти нашркунии маводро арзёбӣ намуда, нисбати ба онҳо қарори дахлдор қабул мекунад.

32. Ташкили бевоситаи фаъолияти Шурои методӣ Марказ ба зиммаи котиби он гузошта мешавад. Раиси Шурои методии Марказ номзадии котиби илмии шӯрои методиро аз ҷумлаи аъзои шӯрои олимон барои интихоб шудан ба вазифа пешниҳод менамояд.

33. Фаъолияти Шурои методӣ Марказ мутобиқи нақшаи корӣ сурат мегирад, ки он бо пешниҳоди директори Марказ дар ҷаласаи Шурои методӣ баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

34. Шакли асосии фаъолияти Шурои методӣ ҷаласаи он дониста мешавад. Ҷаласаҳои Шурои методӣ ҳамон вақт баргузор мегардад, ки агар аз се ду ҳиссаи аъзои он дар ҷаласа ҳузур дошта бошанд.

35. Ҷаласаҳои Шурои методӣ ҳамчун мақоми олӣ ҳар моҳ як маротиба ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба таври ғайринавбатӣ гузаронида шуда, қарорҳои он дар сурати гирифтани тарафдории овози аз се ду ҳиссаи аъзои Шуро қонунӣ ҳисобида мешаванд. Ҳангоми баробарии овозҳо, овози директори Марказ ҳалкунанда мебошад. Қарори Шурои методӣ Марказ ҳамон вақт эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад, ки агар аз нисф зиёди аъзои Шурои методӣ дар ҷаласа ҳузурдошта (аз 50% зиёд) оид ба қабули он овоз диҳанд.

36. Қарори Шурои методӣ бо овоздиҳии кушода қабул шуда, хусусияти тавсиявӣ дорад ва бо фармоиши директори Марказ амалӣ гардида, дар давоми ду ҳафта (15 рӯз) ба роҳбарони муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, методӣ, муассисони онҳо ва дигар ташкилоти идоракунии дахлдори соҳаи маориф расонида мешавад.

37. Ҷаласаи Шурои методӣ бо протоколҳо ба расмият дароварда мешаванд, ки ба онҳо раиси Шурои методӣ ва котиби он имзо мегузоранд.

38. Ба мақоми иҷроияи Марказ директор роҳбарӣ мекунад. Директори Марказ аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъйин ва аз мансаб озод карда мешавад.

39. Ваколатҳои директори Марказ:

- иҷрои дахлдори супоришҳои Муассис, соҳибӣ ва истифодабарии мақсадноки молу мулки давлатиро мутобиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

- ба фаъолияти Марказ ва воҳидҳои сохтории он роҳбарӣ менамояд;

- тибқи талабот дар мӯҳлатҳои муайяншуда ба Муассис оид ба фаъолияти Марказ ҳисобот пешниҳод менамояд;

- дар доираи шумораи воҳидҳои муқаррарнамуда ва тибқи сохтори тасдиқгардида басти вазифаҳо ва музди меҳнат, тақсимоти ухдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони дигари Марказро тасдиқ менамояд;

- ба Шурои методӣ Марказ дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, инчунин дар таҳрири нав қабул кардани ҳуҷҷатҳои номбурда пешниҳоду таклифҳо манзур менамояд;

- низомномаи комиссияҳои ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои ҷамъиятиро тасдиқ мекунад;

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи мазкур ба фаъолияти таълимӣ, таълимию методӣ, илмию-тадҳиқотӣ, таҳририю интишорӣ, робитаҳои байналмилалӣ ва иқтисодии хориҷӣ, молиявӣ ва хоҷагидорӣ роҳбарӣ менамояд;

- меъёрҳои сарбории кормандонро тасдиқ мекунад;

- манфиатҳои Марказро дар мақомоти давлатӣ, бонкҳо, ташкилотҳои дигар ва дар назди шахсони воқеӣ ҳимоя менамояд;

- моликият ва маблағҳои пулии Марказро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдорӣ мекунад;

- фаъолияти молиявию хоҷагидории Марказро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- чораҳои ҳавасмандкуниро дар Марказ амалӣ месозад;

- ба шартномаҳо имзо мекунад, ваколатномаҳо медиҳад;

- барои ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур менамояд;

- дар доираи ваколати худ фармоиш ва дастурҳое, ки иҷрои онҳо барои кормандони Марказ ҳатмӣ мебошанд ба тасвиб мерасонад;

- дар доираи маблағҳои пешбинигардида ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори Марказро такмил дода, барои тасдиқ ба муассис пешниҳод менамояд;

- муовинони ректори Марказро барои ба вазифа таъйин ва озод намудан ба муассис пешниҳод манзур менамояд;

- байни муовинони ректори Марказ вазифаҳоро тақсим мекунад;

- сардорони раёсат, мудирони шгуъбаҳову кафедраҳо ва кормандони дигари Марказро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва озод менамояд;

- бо кормандони Марказ шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ мебандад ва дар ҳолати зарурӣ онҳоро мувофиқи қонунгузорӣ бекор менамояд;

- Шурои методии Марказро роҳбарӣ менамояд;

- аз номи Марказ бе ваколатнома амал карда, манфиатҳои онро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳимоя менамояд;

- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо дар назар доштани пардохти харҷҳои таҳсил шартнома мебандад;

- рафти иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шурои методии Марказро назорат менамояд;

- дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ менамояд.

40. Директори Марказ барои иҷрои ваколатҳои ба зимааш гузошташуда дар самти муқарраргардидаи фаъолият ва ташкили кор дар Марказ масъулияти шахсӣ дорад.

41. Муовини якуми директор ва муовинони директори Марказ дар мувофиқа бо вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби директори Марказ, аз ҳисоби мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ, дараҷаи илмӣ ва таҷрибаи кории на кам аз 10-солаи педагогӣ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

42. Мушовири директори Марказ аз ҷониби директор аз ҳисоби мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва таҷрибаи кории на кам аз 10-солаи педагогӣ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

43. Дар Марказ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандон ташкилоти иттифоқи касаба таъсис дода мешавад, ки фаъолияташро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

44. Марказ дар сохтори худ мушовир, раёсат, шуъбаву бахшҳо ва хадамоти ёридиҳанда дошта метавонад.

45. Раёсат, шуъбаву бахшҳои Марказ фаъолияти худро дар асоси Оинномаи мазкур ва нақшаи корӣ, ки дар Шурои методӣ баррасӣ гардида, аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамоянд.

46. Фаъолияти кормандони Марказ мувофиқи дастурамали вазифаҳои хизматӣ амалӣ мегардад. Вазифаҳои хизматии кормандони Марказро директори Марказ тасдиқ мекунад.

47. Сохтор ва басти воҳидҳои кории Марказ аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

48. Марказҳои методӣ ва кабинетҳои методии назди Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба фаъолияти худ ба Марказ ҳисоботдиҳанда мебошанд.

49. Кормандони Марказ барои иҷрои вазифаҳои хизматии худ дар назди директори Марказ масъул буда, аз натиҷаи корҳои анҷомдода ҳисобот медиҳанд.

## 5. РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ МАРКАЗ

50. Марказ робитаҳои байналмилалии худро дар доираи сиёсати байналмилалии давлат, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои хориҷию байналмилалӣ дар асоси шартҳои мутақобилан судманд танҳо пас аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқarraргардида амалӣ менамояд.

51. Марказ ҳуқуқ дорад, ки робитаҳои байналмилалиро дар шаклҳои зайл амалӣ гардонад:

- даъват намудани мутахассисони варзидаи хориҷӣ барои фаъолияти педагогӣ, таълимӣ, методӣ ва илмӣ;
- фиристодани кормандони Марказ барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос, инчунин ба аспирантура, докторантура ва ба муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотии давлатҳои хориҷӣ барои таҷрибаомӯзӣ ва унвонҷӯйӣ;
- иштирок дар барномаҳои дутарафа ва бисёртарафаи мубодилаи кормандони Марказ бо дигар давлатҳо дар асоси шартнома;
- амалӣ намудани лоиҳаҳои таҳқиқотии муштарак;
- амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва илмию машваратӣ бо ташкилотҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ;
- гузаронидани конгрессу симпозиумҳо, конференсияҳо, семинарҳо, машваратҳо ва намоишҳои байналмилалӣ;
- таҳкими заминаи муосири таълимию методӣ ва илмии Марказ дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ;
- шомил гаштан ба иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо ва созмонҳои дигари касбии байналмилалӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба роҳ мондани марказҳои таълимии муштарак;
- ҳамкорӣ дар шаклҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

## 6. МОЛУ МУЛК ВА ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ МАРКАЗ

52. Маблағгузории корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва хоҷагӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва махсус амалӣ карда мешавад.

53. Марказ аз ҳисоби маблағҳои махсус метавонад ба маоши вазифавии кормандон иловапулӣ муқаррар намояд. Ҳаҷми иловапулӣ ва пардохтҳои дигарро ректори Марказ бо дар назар доштани самаранокии фаъолияти корманд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

54. Марказ бо мақсади ҷалби мутахассисиони соҳибтаҷриба ва омӯзгорони унвондор аз ҳисоби маблағҳои махсуси Марказ дар асоси шартнома маоши тафриқавӣ муайян менамояд.

55. Молу мулки Марказ аз фондҳои асосӣ ва маблағҳои гардон, инчунин аз дигар ашё, ки арзиши онҳо дар тавозуни мустақили он сабт гардидааст, иборат мебошад.

56. Марказ ба молу мулки дар истифодааш буда (биною иншоот, маҷмааҳои таълимӣ, таҷҳизот ва ашёи дигари зарурии таълимӣ, техникӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва ғайра) тибқи қонунгузорӣ, ҳадафҳои фаъолияти хеш, супоришҳои Муассис ва таъйиноти молу мулк ҳуқуқи идоракунии оперативӣ дорад.

57. Марказ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи пурраи маблағу молу мулк ва намудҳои дигари моликиятеро, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барояш ҳадя намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд ё худ мерос мондаанд, дорад.

58. Маҳсули алоҳидаи фаъолияти зеҳнӣ, ки зимни иҷрои вазифа ё супориши хизматӣ эҷод шудаанд (асарҳои хизматӣ), объекти ҳуқуқи истисноии Марказ мебошанд. Ҳеҷ як шахси дигар ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун, наметавонад аз асарҳои хизматӣ бидуни иҷозати дахлдори Марказ истифода намояд.

59. Сарчашмаҳои ташаккули молу мулки Марказ ва маблағгузории фаъолият аз инҳо иборат аст:

- моликияти давлатие, ки ба Марказ дода шудааст;
- маблағҳои буҷетии дахлдор, ки барои Марказ ҷудо гардидааст;
- даромад аз ҳиссаи Марказ дар воҳиди сохторие, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд;
- даромадҳое, ки аз амалӣ намудани шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои муздноки Марказ ба даст меоянд;
- ҳадя, хайрияҳои ихтиёрӣ ва мероси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- даромад аз истифодаи объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнии Марказ;
- даромади дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур манъ нашудааст.

60. Марказ дар пешбурди корҳои шартномавӣ, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, мустақил мебошад.

## 7. БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲИИ МАРКАЗ

61. Марказ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти кории худ ҳисоботи муҳосибиро омода мекунад ва аз рӯи шакли муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ ва омориро пеш бурда, ҳисоботро дар муҳлати муқарраргардида ба мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳод менамояд.

62. Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мебошанд:

- гирифтани иттилооти дақиқ оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ, натиҷаҳои фаъолият ва идоракунии оперативӣ;

- таъмини назорат оид ба мавҷудият ва гардиши пули накд, воситаҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва воситаҳои дигар мувофиқи меъёр, ченакҳо ва харҷномаҳо;

- огоҳонидани саривақтӣ аз зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молиявию хоҷагӣ ва сафарбар намудани захираҳои дохилии Марказ.

63. Давраи ҳисоботӣ барои Марказ аз 1 январ то 31 декабри ҳар сол муқаррар карда мешавад.

64. Марказ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои буҷетиро дар суратҳисоби хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ медорад.

65. Марказ баҳисобгирии муҳосибии худро мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

66. Роҳбарияти Марказ ва шахсони дигари масъул барои вайрон кардани тартиби ҳисоботдиҳӣ масъулият доранд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

67. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи мазкур бо қарори муассис тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

68. Азнавташкилидиҳӣ ва барҳамдиҳии Марказ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.